## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънои ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ.**

Мавриди баррасӣ қарор додани вижагиҳои дастурӣ ва маъноиву сохтории ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи осори мансури адабиёти классикӣ аҳамияти илмиву амалӣ дорад, чунки забон ва қонунҳои инкишофи онро танҳо ба шарте дуруст фаҳмидан мумкин аст, ки он бо таърихи ҷамъият, бо таърихи халқе, ки забони омӯхташаванда ба вай тааллуқ дорад ва бунёдкунанда ва соҳиби ин забон мебошад, зич пайваста омӯхта шавад.

Аз ин ҷиҳат мавзӯи интихобкардаи Ғаффоров А. О. муҳим ва мубрам ба шумор рафта, он метавонад дар ифшои гиреҳи як силсила масоили нокушудаи ибораҳои наҳвӣ, бахусус ибораҳои феълии забони тоҷикӣ мусоидат кунад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима диссертант дар бораи муҳим будани мавзӯъ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, манбаи таҳқиқ, методҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалиии мавзӯъ, коркарду татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ изҳори назар кардааст. Ин бахши кор тибқи талаботи сохтори рисолаҳои докторӣ дуруст таҳия шудааст.

Боби якум «**Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ”** ном дошта, фарогири чор фасл мебошад ва дар он масъалаҳои назариявии ибора дар забоншиносии умумӣ ва забони тоҷикӣ баррасӣ мегардад. Инчунин дар ин боб шаклгирӣ ва рушди ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар рафти таҳқиқ ба баъзе масоили ҳалношудаю баҳсталаб, ки

дар ин мавзӯъ зиёд аст, диққати амиқ дода шудааст. Илова бар ин, ақидаи муҳаққиқ доир ба ибора, махсусан ибораҳои феълӣ дар боби мазкур ифода ёфтааст. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дар асоси таълимоти забоншиносии хориҷӣ, русӣ ва ватанӣ доир ба масъалаҳои сохту хелҳои ибора, алоқаи калимаҳо дар ибора дар забони тоҷикӣ маълумот бидиҳад.

Муҳаққиқ дар ҷараёни таҳлили маводи фаровон ва арзишманди гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш ба осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ бо онҳо вориди баҳс мешавад ва назари худро доир ба нуктаҳои алоҳидаи мубоҳисавӣ асоснок мекунад.

Дар ҷараёни таҳлил муаллиф саъй намудааст, ки бори нахуст дар заминаи маводи забони адабии тоҷикӣ (асрҳои XV-XVI) вижагиҳои дастурӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ, гуногунмазмуну гуногунвазифа будани онҳо, дар забоншиносии тоҷик басо кам тадқиқ гардидани ин гурӯҳи ибораҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони “**Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ”** унвон гирифтааст, ки иборат аз аз шаш фасл мебошад. Ибораҳои феълии бо пешояндҳои “ба”, “дар”, “аз”, “бар”, “бо”, “барои”, “аз барои”, “то” /то ба, аз...то, аз..то ба/, “бе”, “ҷуз”/”ҷуз аз”, “ҷуз ба”, “ҷуз бар”/шаклёфта дар ҳар як фасл таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон дар ин боб диссертант тамоми ибораҳои феълии бо ин гурӯҳи пешояндӣ тааллуқдоштаро аз бобати сохтору маъно ба таври амиқ таҳлил карда, махсусан ба ошкор намудани муносибатҳои наҳвии онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар диссертатсия ибораҳои феълӣ бо ҳар як пешоянди аслӣ алоҳида таҳлил шуда, тобишҳои гуногуни муносибатҳои наҳвии онҳо вобаста ба маънои луғавию дастурии ҷузъҳо хеле барҷаста баён гардидааст.

Баъдан муаллиф таваҷҷуҳи хешро ба сохтори чунин ибораҳо равона намуда, зимни арзёбии масъала дараҷаи басомади ҳар як пешоянди аслиро дар таркиби ибораҳои феълӣ муайян кардааст.

Боби сеюми диссертатсия “**Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд”** унвон гирифта, дар он алоқаи калимаҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ тавассути пешояндҳои номӣ ва пасоянд таҳқиқ шудааст. Ин боб фарогири 3 фасл буда, дар фасли якум алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ таҳлил гардидааст. Инчунин басомади ҳар яке аз ин гурӯҳи пешояндҳоро дар таркиби ибораҳои феълӣ муқаррар намудааст, ки он дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ мебошанд. Алоқаи калимаҳо бо пасоянд ва бо пешоянду пасоянд фасли дуюм ва сеюми боби мазкурро ташкил додаанд, ки ҷолиби диққат аст. Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсия маълум гардид, ки муаллиф дар алоқаи пасояндӣ, асосан, пасоянди “-ро” ва “боз”-ро дар таркиби ибораҳои феълӣ таҳлил кардааст.

Боби чоруми диссертатсия «**Баррасии хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ»** номгузорӣ гардида, таснифоти маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии давраи мавриди назар таҳқиқ шудааст. Дар фаслҳои боби мазкур ба таҳлили феълҳо, ки ба маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Ҳангоми баррасии масъала муаллифи диссертатсия дар хусуси ба назар гирифтани ҷиҳати маъноии ҷузъҳои ибораҳои феълӣ андеша ронда, маънои луғавии феълҳоро омили муҳимми пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ ба қалам додааст.

Мавриди таъкид аст, ки ҷанбаи илмии диссертатсия қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода кардааст.

Диссертатсия бо забон ва сабки хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он солиёни тӯлонӣ ҷиддан дар атрофи мавзӯи мавриди таҳқиқ корҳои зиёде ба анҷом расонидааст.

Рӯйхати адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти илмӣ ва фарҳангҳо буда, феҳристи фарҳангҳо низ дар шакли алоҳида дастабандӣ гардидааст, ки ин посухгӯй ба талаботи кори илмист.

Умуман, диссертатсияи Ғаффоров А. О. кори баанҷомрасида, пурмуҳтаво, дорои навгониҳои илмист.

Бо вуҷуди ин, дар фишурдаи диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кор аз манфиат холӣ нест:

1. Ба масъалаи ба ду воситаи дастурӣ алоқа бастани ибораҳо таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст, ҳол он ки ба ду воситаи дастурӣ сохта шудани ибораҳо яке аз хусусиятҳои муҳими осори хаттии ин давра маҳсуб меёбад.

2. Дар вақти таҳлили мавод бештар ба ҷузъи асосии ибора (феъл) таваҷҷуҳ шудааст, мебоист ба ҷузъи тобеи ибора низ аҳамияти бештаре зоҳир мешуд.

3. Доир ба масъалаи алоқаи устувору ноустувори дастурии ибораҳои феълӣ муҳаққиқ камтар таваққуф кардааст. Ҳол он ки дар ташаккули ибораҳои феълӣ алоқаи устувор ва ноустувор мавқеи муҳим дорад.

4. Дар фишурдаи диссертатсия (автореферат) ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 14, 19, 35, 41 ).

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбурда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти баанҷомрасидаро коста намесозанд, зеро аксари онҳо вижагии фаннӣ дошта,ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои забоншиносии тоҷик, махсусан дар соҳаи дастури забон, кори таҳқиқотии нав мебошад. Аз ин ҷиҳат, дастовардҳои илмии онро метавон барои таълифи мақолаҳо ва асарҳои монографӣ, навиштани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба ибораи забони тоҷикӣ, хондани курсу семинарҳои махсус чун раҳнамо истифода кард.

Мазмуну мухтавои афтореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва хулосаи мухтасари диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълиф гардидаанд, мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 29 номгӯй, аз ҷумла 21 номгӯй дар маҷаллаҳои ворид ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ғаффоров А. О. дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънoии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, посухгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мебошад.

Мудири шуъбаи истилоҳот ва
фарҳангнигории Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ Сайфиддин Назарзода

Адрес: 734025, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: 93-905-85-47
Почтаи электронӣ: snazarzoda.56 mail. ru

Имзои С. Назарзодаро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо Ҳилола Нарзиқулова
20.04.2021